**Нусха аз СУРАТМАҶЛИСИ №5**

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии корруисия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва ҳуқуқи конститутсионии факултети хукукшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**27-уми майи соли 2022** **ш. Хуҷанд**

Иштирок доштанд: аз 18 нафар аъзои маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ки дар асоси таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 21 майи 2022, таҳти №103 тасдик гардидааст, 18 нафар иштирок доранд, ки аз онхо 1 нафарашон доктороии илм ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС**:

Экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна, дар мавзӯи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:**

Қудратов Некрӯз Абдунабиевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Муқарризони холис:**

Абдуллаев Нозим Саодулоевич - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянин Тоҷикистону Русия;

Қурбонзода Беҳрӯз Шариф - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ.

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандам фикратонро

муайян намоед. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба диссертант оид ба мӯҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад. Марҳамат!

Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна - баромад намуд.

**Раисикунанда**: Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат, устод Пӯлотов К.И.

**Пӯлотов К.И.:** Ташаккури зиёд, устод! Унвонҷӯ, ҳангоми омӯхтани пешниҳоди шумо оиди дар таҳрири нав пешниҳод кардани диспозитсияи моддаи 310 КҶ ҶТ ба ақидаи ман иайдарҳамии ҷобагуҷогузоии моддаҳо, яъне фиксияи ҳуқуқӣ ва таҳайюлоте, ки дар соҳаи қонуни ҷиноятӣ ҷой дорад, вайрон шудааст. Ба фикри ман аввал он чи, ки дар қонуни ҷиноятӣ ҷой дорад, бояд бетағйир мононда шавад ва он чи дар пешниҳоди шумо оиди ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳаёти (куштори) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамчун қисми 2-и моддаи 310 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ҳамин таркиб, инчунин расонидани зарар ба саломатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, ҳамчун қисми 3-и моддаи мазкур, яъне 310 КҶ ҶТ пешбинӣ шавад.

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷу:** Саломат бошед, устоди гиромӣ! Дар ҳақиқат пешниҳод намудани ворид кардани моддаи нав ба КҶ ҶТ барои «Таҷовуз ба ҳаёти (куштори) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», ҳамчун як таркиби нав яке нуктаҳои муҳими навгонии рисолаи ман мебошад. Сабаби пешниҳод кардани ин таркиби нав дар он мебошад, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар назди қонуни ҷиноятӣ масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба миён омадааст, вале ин масъала то ба имрӯз ба таври возеҳ ҳаллу фасл нашудааст. Ба ақидаи ман ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, бо назардошти объекти ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва аҳмияти чамъиятии вазифаи қонуни ҷиноятӣ, яъне барқарор кардани адолати иҷтимоӣ як таркиби алоҳидаро талаб мекунад. Бинобар ин, мо пешниҳод мекунем, ки ба КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти (куштори) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ва ё расонидани зарар ба ӯ, ҳамчун таркиби алоҳида (моддаи 310[1]) ворид карда шавад. Илова бар ин, ҳангоми коркарди чунин пешниҳод мо ба таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Қазоқистон такя кардем.

**Пӯлотов К.И**. Ташаккур ба унвонҷӯ оиди ҷавоб ба саволи пештара. Ман як пешниҳоди дигар дорам. Ҳангоми омӯхтани пешниҳоди

диссертант оиди ба КҶ ҶТ дохил намудани ҷавобгарии ҷнноятӣ барои «Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ, ки таъмини амнияти давлатӣ аз онҳо вобастааст», яъне моддаи $310^2$, чунин гуфтаниам, ки диссертант ҳангоми аниқ намудани рӯйхати арбобони давлатӣ бояд ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" руҷӯъ намояд, зеро дар ин Қонун руйхати мансабҳои давлатӣ ва арбобони давлатӣ оварда шудааст.

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ. Оиди ин пешниҳоди устод Пӯлотов К.И. чи гуфта метавонед.

**Унвонҷу**: Ташаккур устод барои пешниҳод. Мо ҳангоми коркарди пешниҳоди худ оиди ба КҶ ҶТ дохил намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ, ки таъмини амнияти миллӣ аз онҳо вобастааст», таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя ва санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ"-ро низ омӯхтем. Чуноне, ки устод Пӯлотов К.И. қайд намуданд, дар ҳақиқат дар ин қонун рӯйхати арбобони давлатӣ ва мансабдорони давлатӣ қайд карда шудааст. Вале, ҳангоми таҳлил ба ақидае омадем, ки на аз ҳамаи арбобони давлатӣ ва мансабдорони давлатӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" оварда шудааст, таъмини амнияти миллӣ аз онҳо вобастааст. Бинобар ин бо назардошти объекти умумии ҷиноят, яъне "асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат", мо интихобан дар диспозитсияи моддаи пешниҳодшаванда,яъне $310^2$, танҳо арбобони давлатӣ, ки таъмини амнияти миллӣ аз онҳо вобастааст, дохил намудем.

**Раисикунанда:** Марҳамат боз кӣ савол дорад? Марҳамат, муаллима Каримова М.М.

**Каримова М.М.**: Ташаккури зиёд, устод! Ман мехостам ба унвонҷӯ танҳо як пешниҳоди худро оиди ворид намудани таркибҳои нав ба КҶ ҶТ муаррифӣ намоям. Чуноне, ки ҳамагон медонанд, дар баъзе моддаҳои КҶ ҶТ эзоҳҳое мавҷуданд, ки мафҳумҳои асосии ин ё он моддаро кушода медиҳанд. Пешниҳоди ман аз он иборат аст, ки оё мумкин аст, кирдорҳои пешниҳодшаванда, яъне «Таҷовуз ба ҳаёти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» (моддаи $310^1$) ва «Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ, ки таъмини амнияти давлатӣ аз онҳо вобастааст» (моддаи $310^2$) ҳамчун таркиби алоҳида не, балки ҳамчун эзоҳ ба моддаи 310 КҶ ҶТ бо муайян намудани мафҳуми он, ки ба арбоби давлатӣ давлатӣ киҳо дохил мешаванд, дохил карда шаванд?

**Раисикунанда:** Мархамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷу**: Ташаккури зиёд, муаллимаи азиз! Воқеан, ҳангоми коркарди пешниҳодҳо, мо оиди дохил намудани тағйиротҳои пешниҳодшаванда ҳамчун эзоҳ ба моддаи дахлдори КҶ ҶТ фикру андешаронӣ кардем. Аммо дар натиҷаи омӯхтани таҷрибаи амалия,

санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ, таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ дар ин соҳа ва инчунин қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ба чунин хулосае омадем, ки танҳо эзоҳ ба моддаи дахлдори КҶ ҶТ он моҳият ва вазифаҳое, ки дар назди КҶ ҶТ истодааст, ҳаллу фасл карда наметавонад. Ба гайр аз ин яке аз вазифаҳои диссертатсияи ман ин – таҳияи тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ доир ба мубориза бар зидди ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё арбоби ҷамъиятии ҶТ мебошад ва ба фикри мо пешниҳод кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ ба кирдорҳои «Таҷовуз ба ҳаёти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» (моддаи 310[1]) ва «Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ, ки таъмини амнияти давлатӣ аз онҳо вобастааст» (моддаи 310[2]) ҳамчун таркибҳои алоҳида ба мақсад мувофиқтар аст.

**Раисикунанда:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Марҳамат, устод Санавваров Ғ.Б.

**Санавваров Ғ.Б.**: Ташаккури зиёд, устод. Дар пешниҳоди унвонҷӯ оид ба дохил кардани кирдори «Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ, ки таъмини амнияти давлатӣ аз онҳо вобастааст (моддаи 310[2])» дар диспозитсияи модда ба ҳайси арбобони давлатӣ директорони мақомотҳои қудратӣ номбар карда шудааст. Шумо дар инҷо кадом директоронро дар назар доред?

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** Ташаккури зиёд, устоди азиз! Дар инҷо ба ҳайси арбоби давлатӣ сардорони мақомоти қудратӣ ба монанди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дошта шудааст.

**Раисикунанда**: Ман ба унвонҷӯ саволи зерин дорам. Чи хеле, ки диссертант дар баромади худ қайд намуд, яке аз навгониҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад ба масъалаи синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ барои моддаи 310 КҶ ҶТ бахшида шудааст. Мувофиқи пешниҳоди Шумо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани кирдори дар моддаи 310 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда бояд аз синни чордаҳсолагӣ огоз шавад, ҳол он ки мувофиқи моддаи 23 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷинояти барои ин модда аз синни 16 солагӣ муайян карда шудааст. Гӯед, ки ин пешниҳоди Шумо ба чӣ асос ёфтааст?

**Унвонҷӯ:** Ташаккури зиёд, раиси мӯҳтарам. Пешниҳоди мо ба он асос ёфтааст, ки синну соли субъект, бо мазмуни тарафи объективии м. 310 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Объективан оқибатҳои воқеии таҷовуз ин фаро расидани марг ва ба саломатии ҷабрдида, дараҷаи гуногуни расонидани зарар бошад, пас синну соли субъекти ҷиноят низ бо ҷиноятҳои одамкушӣ (м. 104 ва расонидани зарари вазнин ё дараҷаи

миёна ба саломатӣ моддаҳои 110–111 КҶ ҶТ) бояд мувофиқ бошад. Ҳамин тавр ба ақидаи мо, ки синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ аз 14 солагӣ муқаррар карда шавад;

**Раисикунанда**: Боз ба диссертант савол ҳаст? Марҳамат устод Солиев И.

Солиев И: Ташаккур. Дар баромади диссертант қайд карда шуд, ки яке аз навгониҳои рисолаи номзадӣ ин таҳлили тарафи объективии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва пешниҳод кардани кирдор дар шакли беҳаракатӣ (беамалӣ) оварда шудааст. Шумо гӯед, ки дар кадом ҳолатҳо таҷовуз дар шакли беҳаракатӣ содир мешавад, зеро чунин масъалагузорӣ дар қонуни ҷиноятӣ он қадар хос нест ва таҷовуз ба ҳаёт, яъне куштор ё зарар ба саломатӣ дар шакли ҳаракати фаъол содир мегардад. Ин навгонӣ дар кадом асос пешниҳод шудааст.

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвончӯ!

**Унвончӯ:** Ташаккури зиёд, устоди азиз. Ин пешниҳоди мо дар асоси таҳлили таҳқиқотҳо олимонӣ ватанӣ ва хориҷӣ, методҳои таҳлил ва таркиб ва баҳри иҷрои вазифаи диссертатсияи мазкур, яъне - таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё арбоби ҷамъиятии ҶТ пешниҳод шудааст. Таҷовуз ба ҳаёт ё куштори арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани асосҳои сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат бо беҳаракатӣ (беамалӣ) дар ҳолатҳое сурат мегирад, ки шахси гунаҳкор ӯҳдадории андешидани чораҳои пешгирии маргро иҷро накунад ё вазифаҳои худро оиди пешгирии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ  ҷамъиятиро накунад.

**Раисикунанда:** Сухан ба роҳбари илмии диссертант дода мешавад: Қудратов Н.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси якум дода мешавад: Абдуллаев Нозим Саодулоевич - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянин Русияву Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда**: Сухан ба муқарризи холиси дуюм дода мешавад: Қурбонзода Беҳрӯз Шариф - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи рисолаи илмиро дорад? Хоҳишманд нест.

**Раисикунанда:** Таққиқоти диссертатсионии Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), мусбӣ арзёбӣ гардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 тавсия карда шавад.

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи мазкур тарафдор аст. Марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Қарор бо як овоз қабул шуд (хулоса замима мегардад).

**Раиси маҷлиси муштарак:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Ахмедов Н.И.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
Муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва
пешгирии коррупсия, — Қобилов Б.

**Муқарризи холис:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи
славянин Русияву Тоҷикистон — Абдуллоев Н.С.

**Муқарризи холис:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика
ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Қурбонзода Б.Ш.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ ____________ Мирпоччоев И.Ҳ.

27.05.2022